# СУРАТМАҶЛИСИ № 51

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001

01 июни соли 2024 ш. Душанбе

<u>Иштирок доштанд</u>: аз 15 аъзои Шуро, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2021, №311/01шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд. Аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аъзои дигари Шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок иштирок надорад. Аксарияти аъзои Шурои диссертатсионӣ ҳузур доранд. Бинобар ин, Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси Шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. **Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои фалсафа Ҷононов С. дар бораи пешниҳоди диссертатсияи Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ дар мавзуи «Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ иброз намуд.

Пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш.Т., доктори илмҳои таърих Расулиён Қ.Р., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Азиззода У.А. ташкил карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

I.1. Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ дар мавзуи «Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таъйин карда шавад.

2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
   - доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш.Т.;
   - доктори илмҳои таърих Расулиён Қ.Р: ;
   - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Азиззода У.А.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Ҷононов С.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих Акрамӣ З.И.